**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-035
назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна "Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи шаҳри Душанбе (1942- 2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ)**

Аҳамияти илмӣ-тарихии таҳқиқи масъалаи мазкур аз он иборат аст, ки дар як давраи ҳассоси таърихӣ, яъне солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Тоҷикистон корхонаи истеҳсоли сементи ба истифода дода мешавад. Нахустин заводи сементбарории Тоҷикистон дар ҳаёти ҷумҳурӣ як дастоварди ғайриинтизор маҳсуб меёфт. Минбаъд бо рушди устувори саноати семент дар ҷумҳурӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ иншоотҳои азим НОБҳои Норак, Сарбанд, Бойғозӣ, Кайроқум, Рогун, Сангтуда, заводи алюминии тоҷик ва даҳҳо заводу фабрика, инфрасохтори манзилӣ-маъмурӣ бунёд гардиданд, ки онҳо дар рушди индустрикунонӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ нақши калон доранд.

Дар рисолаи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна "Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи шаҳри Душанбе (1942- 2021)" масоили заминаҳои таъсисёбӣ, рушд ва нақши корхона дар ташаккулёбии синфи коргар дар Тоҷикистон, ба ҷойи кори доимӣ таъмин гардидани ҳазорон нафар шаҳрвандон, беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии ҷомеа, рушди иқтисодиёти мамлакат ва таъмини иншооти муҳим ва хусусияти стратегидошта бо масолеҳи сохтмонӣ, пеш аз ҳама семент, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти худ унвонҷӯ ба масъалаи таҳлили муқоисавии таҷрибаи таърихии корхонаи истеҳсоли семент дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва замони истиқлол диққати махсус зоҳир намудааст. Муаллиф дар асоси маводҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳо хулосаҳои илмӣ-назариявии худро пешниҳод, намудааст, асоснок мебошад. Воқеан, дар баробари рушди истеҳсоли семент ва дигар масолеҳи сохтмонӣ дар солҳои охири

мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ҶШС Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ табдил ёфта буд.

Арзиши илмии таҳқиқоти мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола масъалаҳои и азнавсозии истеҳсолот дар заводи сементбарорӣ дар шароити истиқлолияти комил дар охири асри XX- аввали асри XXI, фаъолияти корхонаи семент дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, нақши заводи сементбарорӣ дар таъмини корхонаҳо ва иншоотҳои азими Тоҷикистон ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар ҳаёти коргарони корхонаи истеҳсоли сементи ш.Душанбе зери таҳлил қарор гирифтааст. Яке аз дастоварди унвонҷӯ бешубҳа дар он аст, ки ҷараён ва воқеаҳо объективона, яъне мусбӣ ва манфӣ баҳогузорӣ шудааст.

Аз таҳлили таърихнигории мавзӯъ маълум мегардад, ки таърихи саноати семент, фаъолияти корхонаи сементи Душанбе дар даврони Шуравӣ ва замони истиқлол ба ҳайси як мавзуи актуалӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва мутахассисон ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Аз рӯи натиҷаи таҳлили таҳқиқоти мавзӯи мазкур дараҷаи омӯзиши онро унвонҷӯ ба гуруҳҳо ҷудо намуда баҳогузорӣ намудааст.

Нововарии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори нахуст фаъолияти корхона дар ду давра: даврони Шуравӣ, низоми банақшагирӣ ва замони соҳибистиқлолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бо такя ба манобеи мӯътамад, маводи бойгонӣ ва осорҳои илмӣ таҳқиқ карда шудааст. Унвонҷӯ заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи сементи Душанбе дар шароити вазнини солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро бо такя ба маводи бойгонӣ ва санадҳои меъёрии хуқуқӣ омӯхта, бори нахуст сиёсати давлатии Ҳукумати Шуравиро ҶШС Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар самти ташаккул додани саноати семент баррасӣ намудааст.

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомадаро дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон зимни таълифи асарҳои маҷмӯи роҷеъ ба ташаккули саноат, хусусан рушди саноати семент дар Тоҷикистон

дар замони Шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», метавон истифода намуд. Хулосаҳои назарявии муаллиф, муқарраротт, натиҷаҳои илмӣ-назариявии асосӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия барои омӯзиши таърихи Тоҷикистон ва дар таърихнигории халқи тоҷик аҳамияти илмӣ-амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, Азизхонова Р.Г. аз ӯҳдаи таълифи рисолаи илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузоштташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи мазкур ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 - Таърих нисбат доранд, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзӯи “Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи шаҳри Душанбе (1942- 2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) ба ҳимояи ошкоро тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ доктори илмҳои таърих,**
**Сарходими илмии Шуъбаи навтарини**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ** **Абдурашитов Ф.М.**

*Имзои Абдурашитов Ф.М. -ро тасдиқ мекунам:*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г. Қ**

«16» 10 2023

ШУЪБАИ КАДРҲО